**аз 14.02.2019, №67**

“Дар бораи тасдиқи Нақшаи кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2020, ҷиҳати амалисозии Нақшаи чорабиниҳои татбиқи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2020»”

Бо мақсади иҷрои банди 3 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020», мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2020, ҷиҳати амалисозии Нақшаи чорабиниҳои татбиқи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2020» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз иҷрои бандҳои Нақшаи кории мазкурро ба пуррагӣ таъмин намуда, натиҷаи иҷрои онро пайваста ҷамъбаст ва то ҳафтаи дуюми моҳи июн ва декабри соли дахлдор ба Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андоз ахбороти хаттӣ пешниҳод намоянд.

3. Мақомоти ҳудудии андоз дар заминаи Нақшаи кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2020, нақшаҳои кории дохилидоравии худро тасдиқ намуда, иҷроиши онро таъмин намоянд.

4. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи сардорони раёсатҳои таъмини ҳуқуқӣ ва аудити дохилӣ вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Бо фармоиши
Раиси Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «14» феврали соли 2019, №67
тасдиқ шудааст

**НАҚШАИ**
**кории дохилиидоравии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2020, ҷиҳати амалисозии Нақшаи чорабиниҳои татбиқи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2020»**

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсад (натиҷаи маъмули)-и дар назар дошташуда | Меъёри баҳогузории ҳолати иҷро (индикаторҳо) | Муҳлати иҷро | Иҷрокунандаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1/11 | Дар ҳолати зарурӣ дар асоси шартномаи меҳнатӣ ҷалб намудани собиқадорони ба синни нафақа расидаи соҳаи андоз ба сифати мутахассис-машваратчӣ | Ҷалби кадрҳои баландихтисоси масъул бо мақсади пешгирии «ихроҷи иқтидори зеҳнӣ» | Таъмини идоракунии муносиб тавассути истифодаи муваффақи иқтидори таҷрибавии собиқадорони соҳавӣ | Солҳои 2019-2020 | Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 2/13 | Ба роҳ мондани омӯзиши масоили коррупсия, идоракунии муносиби давлатӣ, поктинатӣ дар хизмати давлатӣ, ахлоқ ва одоби хизматчиёни давлатӣ, таҳлили сабабҳои мавҷудияти коррупсия дар | Баланд бардоштани фарҳанги зиддикоррупсионӣ ва савияи тахассусии кормандони соҳа бо мақсади пешгирии бархӯрди | Афзоиши теъдоди курсҳо, семенарҳо конфронсҳо, таҳқиқотҳои илмию амалӣ, мукаммалгардонии марказҳои такмили ихтисос, омӯхтани | Солҳои 2019-2020 | Маркази такмили ихтисос, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | байни кормандони мақомоти андоз ва ба роҳ мондани омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва кор бо техникаи махсус | манфиатҳо | таҷрибаи давлатҳои пешқадам ва истифодаи таҷрибаи онҳо дар амал ҷиҳати пешгирии коррупсия | | ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 3/14 | Тақвияти дастгирии иҷтимоии кормандони мақомоти андоз, фароҳам овардани шароити мусоиди манзилию маишӣ, аз ҷумла таъмини онҳо бо хонаҳои истиқоматии хизматӣ ва ҷудо намудани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзил ва дарёфти сарчашмаҳои дастгирии молиявии онҳо | Таъмини кафолати ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти андоз ва аъзои оилаи онҳо, аз ҷумла кафолатҳои манзилию маишӣ | Баланд бардоштани обрӯю эътибори мақомоти андоз | Солҳои 2019-2020 | Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, Иттифоқи касабаи Кумитаи андоз, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус |
| 4/16 | Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо вазорату идораҳои дахлдор дар таҳия ва баррасии лоиҳаҳои созишномаҳои байналмилалӣ оид ба кӯмакрасонӣ ба мақомоти андоз ҷиҳати ба роҳ мондани омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти муқовимат бо | Такмили ихтисоси кормандони мақомоти андоз ва ҳавасманд кардани онҳо | Афзоиши теъдоди курсҳо, семинарҳо, конфронсҳо, мизҳои мудаввар ва таҳқиқоти илмию амалии муштарак | Солҳои 2019-2020 | Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | коррупсия | | | | Маркази такмили ихтисос ва дигар раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ |
| 5/23 | Пешгирии ҳолатҳои хароҷоти ғайриқонунии маблағҳо, вайронкунии интизоми молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳо мувофиқи муқаррароти дахлдори Стратегияи миллии рушд то соли 2015 ва барномаҳои рушди низоми бонкӣ, пешгирии коррупсия дар соҳаи молия ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки пешгирии коррупсия | Гузариши низоми молиявӣ ва андозбандии кишвар ба стандартҳои байналмилалӣ, ҳамоҳангсозӣ бо барномаҳои миллии рушди иқтисодӣ ва молия | Таъмини шафофият дар масъалаҳои назорати давлатию ҷамъиятии гардиши молиявӣ ва амалишавии лоиҳаҳои инвеститсионӣ | Солҳои 2019-2020 | Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати ташкили андозбандӣ, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, дигар раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 6/25 | Ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳо ҷиҳати муайян намудани омилҳои ба пайдоиши коррупсия мусоидаткунанда ва дарки хавфи оқибатҳои номатлуби коррупсия аз ҷониби кормандони мақомоти андоз ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои | Ташаккули мафкураи зиддикоррупсионӣ дар байни табақаҳои гуногуни ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон дар чараёни мубориза ва муқовимат бо коррупсия | Гузаронидани таҳқиқотҳои иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати афзун намудани боварии мардум ба мақомоти андоз ва дар заминаи таҳқиқотҳо ташкил намудани курсҳои таълимии зиддикоррупсионӣ | Солҳои 2019-2020 | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Маркази такмили ихтисос, Шуъбаи робита бо ВАО, дигар раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ғайридавлатӣ мунтазам гузаронидани вохӯриҳо (бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ва интернет) | | | | ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 7/27 | Истифодаи васеи воситаҳои ахбори омма дар самти тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, инчунин нашр ва муҳокимаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба коррупсия | Ташаккули фазои оштинопазирӣ ба коррупсия ва таъмини иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муҳокимаҳои масоили марбути коррупсия | Ташакули фазои оштинопазирӣ ва фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар ҷомеа | Солҳои 2019-2020 | Шуъбаи робита бо ВАО, КВД «РР «Боҷу хироҷ», раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 8/28 | Табъу нашри адабиёти оммавӣ дар мавзӯҳои зиддикоррупсионӣ | Баланд бардоштани сатҳи маърифати зиддикоррупсионӣ | Ҷалби мутахассисони соҳавӣ, олимони ҳуқуқшинос, равоншиносону иқтисодчиён, сиёсатшиносон, рӯзноманигорон, кормандони мақомоти бар зидди коррупсия мубориза баранда, ҳамчунин муҳаққиқони таъриху адабиёти форсу тоҷику ҷаҳон, руҳониёни дар байни ҷомеа нуфӯзу | Солҳои 2019-2020 | КВД «РР «Боҷу хироҷ», Шуъбаи робита бо ВАО, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, раёсатҳои Дасгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | эътибордошта | | |
| 9/29 | Ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиддикоррупсионии соҳавӣ | Фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои шаффофият ва роҳ надодан ба манфиатҳои гурӯҳӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Беҳтар гардидани сифати иҷрошавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Солҳои 2019-2020 | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ |
| 10/36 | Мукаммалсозии қонунгузории танзимкунандаи ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ ва бойгонӣ, гузариш ба шаклҳои электронии нигоҳдории онҳо, ҷиҳати амалисозии ин мақсадҳо ба роҳ мондани хариди техникаи махсуси нусхабардор, ки тавассути он дар бойгониҳои идоравӣ ва ҷумҳуриявӣ (маҳаллӣ) ҳуҷҷатҳои барои нигаҳдорӣ супоридашуда нусхабардорӣ гардида, ба феҳристи ягонаи электронӣ ворид карда мешаванд | Таъмини беосеб нигоҳ дошатани китобҳои муҳосибавӣ, ҳуҷҷатҳои молиявӣ ё дигар маводҳо, гузариши марҳилавӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоби муҳосибавӣ | Мутобиқгардонии талаботи санадҳои меъёрии дахлдор бо Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ, мувофиқат ба стандартҳои байналмилалӣ | Соли 2019 | Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ва дигар раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ |
| 11/41 | Ба роҳ мондаи омӯзиши | Пешгирии | Баланд бардоштани | Солҳои | Маркази такмили |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | иловагии қонунгузории зиддикоррупсионӣ, ташкили курсҳои таълимӣ барои хизматчиёни давлатӣ оид ба риояи одоби хизматӣ, бартараф намудани бархӯрди манфиатҳо ва тақвият бахшидан ба раванди муқовимат ба коррупсия | коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ | маърифати ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ дар самти пешгирии коррупсия | 2019-2020 | ихтисос, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати аудити дохилӣ, дигар раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 12/52 | Тақвият додани ҳамкориҳои мақомоти андоз бо ассотсиатсияҳои соҳибкорон | Ҷиҳати иҷрои барномаҳои нақшавӣ ва дурнамоҳои дарозмуҳлати (стратегии) давлатӣ ҷалб намудани бахши хусусӣ | Мувофиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ | Солҳои 2019-2020 | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати ташкили андозбандӣ, Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ ва раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ |
| 13/53 | Андешидани тадбирҳои маҷмӯии ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои ватанию | Ҷалби самарабахши сармоягузориҳо ба иқтисодиёти миллӣ | Ҳамоҳанг кардани барномаҳои давлатии рушди сармоягузорӣ ва | Солҳои 2019-2020 | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | хориҷӣ ба истеҳсолоти ватанӣ | | соҳибкорӣ | | Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати ташкили андозбандӣ, Шуъбаи робита бо ВАО, КВД «РР «Боҷу хироҷ» ва раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ |
| 14/55 | Мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додани кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сармоягузорӣ ва такмили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ», бо мақсади бунёди шароити | Манзур намудани пешниҳодҳои мушаххас ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои машваратӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳои ҷойдошта ва такмил додани фаъолият дар ин соҳаҳо | Дастгирии давлатии соҳибкорони ватанӣ ва вусъат додани ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ | Соли 2019 | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати ташкили андозбандӣ, Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва дигар раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ва аз байн бурдани «иқтисодиёти пинҳонӣ», инчунин расидан ба шаффофияти ҳадди аксар ва батанзимдарории вазифаҳои назоратии мақомоти ваколатдори давлатӣ, бартараф намудани сабабҳои ихроҷи дороиҳо ва сармоягузориҳо ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои баргардонидани онҳо ба бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ дар бозори дохилӣ, ҳавасмандкунонии сармоягузориҳо, аз ҷумла сармояи ватанӣ ба соҳаи истеҳсолии иқтисодиёти кишвар бо ҷалби Ассотсиатсияи соҳибкорони Тоҷикистон | | | | |
| 15/61 | Тариқи пилотӣ дар ҳолати набудани бархӯрди | Дарёфти роҳҳои ҳавасмандгардонии | Беҳтар намудани нишондиҳандаҳои | Солҳои 2019-2020 | Раёсати такмили қонунгузории андоз |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | манфиатҳо ба хизматчиёни давлатӣ додани иҷозат барои машғул шудан ба соҳибкории хурд ва фаъолияти меҳнатии инфиродӣ. Ҷиҳати амалисозии ин мақсадҳо иштирок дар такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори соҳаи андоз | моддӣ ва имкониятҳои гирифтани даромадҳои иловагии қонунӣ барои хизматчиёни давлатӣ, бо мақсади пешгирии раванди тарки вазифаҳо ва афзоиши нуфузи касбҳои зарурӣ | кории хизматчиёни давлатӣ ва таъмин намудани шароити иҷтимоии онҳо | | ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ва дигар раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ |
| 16/65 | Иштирок дар таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”, “Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия”, “Дар бораи мурoҷиати шаҳрвандон”, кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон | Дар қонунҳо пешбинӣ намудани эъломияи даромадҳои шахсӣ аз ҷониби ҳамаи шахсони мансабдор, аз ҷумла ходимони давлатии сиёсӣ, инчунин ҷорӣ намудани низоми мушаххас барои манфиати шахсӣ дар ҷараёни қабули қарорҳо ва муайян намудани тартиби ҳалли ҳолатҳои ба вуҷуд омадани бархӯрди манфиатҳо ё айбдор | Мустаҳкам намудани заминаҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия, ҷорӣ намудани механизми мониторинги давлатӣ дар соҳаҳои мазкур.<br>Беҳтар намудани низоми таълим оид ба одоби хизматӣ ва ба танзим даровардани бархӯрди манфиатҳои хизматчиёни давлатӣ ва ташкил намудани таҳсилоти доройи хусусияти доимӣ ва | Солҳои 2019-2020 | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Маркази такмили ихтисос ва дигар раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | донистан дар содир намудани бархӯрди манфиатҳо | марҳилавӣ | | |
| 17/71 | Иштирок дар мукаммал намудани заминаи ҳуқуқии рақобати озод, баррасии зарурати ташкили махзани маълумот дар бораи субъектҳои хоҷагидории қаблан ба амалҳои коррупсионӣ алоқаманд | Ҷонибдорӣ ва таъмини меъёрҳои маҳудудсозандаи мақбул ҷиҳати иштироки баробарии субъектҳо дар тендеру музоядаҳо | Ҷорӣ шудани механизми мониторинги давлатӣ дар соҳаи мазкур | Солҳои 2019-2020 | Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз, Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати ситонидани қарзи андозҳо ва дигар раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ |
| 18/74 | Нашри ҳисобот оид ба иҷрои буҷетҳои тамоми сатҳҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҷорӣ намудани шакли ғайринакдии ҳисоббаробаркуниҳои пардохтҳо тавассути терминалҳои электронии пардохти хизматрасониҳо | Таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва амалӣ намудани лоиҳаҳои инвеститсионӣ | Ба ҳисоб гирифтани рейтингҳои байналмилалӣ | Солҳои 2019-2020 | Раёсати баҳисобгирии даромадҳо ва коркарди эъломияҳо, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз», Раёсати санҷиши андозҳо, Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ |
| 19/78 | Ташкили курсҳо ва семинарҳо барои | Баланд бардоштани савияи донишҳои | Омӯзиши таҷрибаи пешқадами | Солҳои 2019-2020 | Маркази такмили ихтисос, Раёсати |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | кормандони мақомоти андоз оид ба масъалаҳои аудити дохилӣ, стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ | касбӣ | байналмилалӣ бо дарназардошти рейтингҳои байналмилалӣ | | хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, Раёсати аудити дохилӣ, Раёсати молиявию хоҷагидорӣ, Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 20/79 | Ҷорӣ намудани механизмҳои ҳуқуқӣ ва молиявию иқтисодии ҳавасмандгардонӣ барои андозсупорандагони бовиҷдон (беҳтарин) | Пардохти саривақтӣ ва самараноки андозҳо | Ҳавасмандгардонии андозсупорандагон ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ | Солҳои 2019-2020 | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, Раёсати ташкили андозбандӣ, Раёсати санҷиши андозҳо, дигар раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз |
| 21/87 | Тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти пешгирии коррупсия ва ба роҳ мондани | Такмили ихтисоси кормандони мақомоти андоз бо назардошти | Бо мақсадӣ ошкор кардану аз байн бурдани омилҳои бавуҷудоварандаи | Солҳои 2019-2020 | Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ, Маркази такмили |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | таҷрибаомӯзии мутақобила | таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ | ҳолатҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуси кормандони мақомоти андоз | | ихтисос, Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус |
| 22/89 | Иштирок дар гузаронидани мониторинги иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ, алалхусус Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, тавсияҳои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) ва Ташкилоти Гурӯҳи таҳияи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) | Иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба коррупсия, бастани созишномаҳо бо мақомоти зидикоррупсионии давлатҳои мутараққӣ дар асоси муқаррароти м.62 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия | Таъмини иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза ва муқовимат ба коррупсия | Солҳои 2019-2020 | Раёсати таъмини ҳуқуқӣ, Раёсати ҳамкории байналмилалӣ ва андозбандӣ, Раёсати такмили қонунгузории андоз ва санадҳои меъёрии андоз |

**Эзоҳ:** Нақшаи корӣ бо дарназардошти тағйиротҳо ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Дар бораи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013 – 2020», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2017, №892 ворид гардида буд, таҳия шудааст.